# ТАҚРИЗ

## ба диссертатсияи номзадии Файзова Таҳмина Иззатуллоевна таҳти унвони “Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Ҳар як адиб бо хусусиятҳои фардии асарофариаш аз дигар нависандагон фарқ мекунад. Чунки нависанда ҳамчун симои барҷастаи олами эҷод ба услуби хоса ва забони асараш шинохта мешавад. Маҳз ба туфайли ҳамин хусусиятҳои фарккунанда нависанда маҳбуби дили муштоқони каломи бадеъ мегардад.

Фазлиддин Муҳаммадиев аз зумраи он адибонест, ки бо салиқаи баланди суханофарӣ дар дунёи сухан ҷойгоҳи намоёнро касб кардааст. Аҳли илму адаб, аз ҷумла адабиётшиносон ва забоншиносон вобаста ба самти фаъолияташон дар мақолаву асарҳои илмиву адабиашон барои ин ё он хусусиятҳои вижаи эҷодиёти осори нависандаи шинохта Фазлиддин Муҳаммадиевро нишон додан ба асарҳои ӯ рӯ меоранд. То имрӯз чи дар соҳаи адабиётшиносӣ ва чи дар соҳаи забоншиносӣ дар заминаи осори Фазлиддин Муҳаммадиев асарҳои илмӣ рӯйи кор омадаанд. Вале то имрӯз дар заминаи осори бадеии ин нависандаи мумтоз дар мавзуи “Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат” ягон асари мукаммали илмӣ ва махсусан рисолаи илмӣ бахшида нашудааст.

Ҳамин ҷиҳати масъаларо ба назар гирифта, Файзова Таҳмина Иззатуллоевна рисолаи илмиашро таҳти унвони “Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)” ба ҳамин масъалаи муҳимму мубрам бахшидааст. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пурра **мувофиқат мекунад.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Файзова Таҳмина Иззатуллоевна аз он иборат аст, ки мавзуи мазкур дар забоншиносии тоҷик бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Бинобар ин, омӯзиши он имкон медиҳад, ки воҳидҳои одоби муҳоварат аз рӯйи маводи забони персонажҳои асарҳои Ф. Муҳаммадиев, ки ба таври муфассалу мукаммал инъикоскунандаи тамоюлҳои забонӣ ва муайянкунандаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистони асри XX мебошанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфта бошанд. Таҳқиқу баррасии фаъолияти босамар ва гуногунпаҳлуи Фазлиддин Муҳаммадиев аз мадди назари муҳаққиқон дур намонда, ба рӯзгору осори ӯ ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Барои тақвияти андешаи мазкур метавон аз мақола ва таҳқиқоти Ф. М. Турсунов, М. Э. Шоев, А. Я.

Амлоев, М. И. Ҳомидова, М. Т. Бакаева ва дигарон ёдовар шуд. Давоми ин амалро дар фаъолияти илмии забоншиносони ҷавон ва унвонҷӯёну аспирантон низ мушоҳида кардан мумкин аст. Манзури муҳаққиқону донишмандон намудан ва ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар мазуи “Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)” андешаҳои фавқро собит менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ**. Диссертатсияи мазкур аввалин пажуҳишест, ки дар он воҳидҳои одоби муҳоварат дар заминаи матнҳои бадеии инъикоскунандаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистони асри XX мавриди таҳқиқоти ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Мавридҳои истифодаи қолабҳои устувори муошират вобаста ба тафовути омилҳои иҷтимоӣ, синнусолӣ, гендерӣ, инчунин имкониятҳои воситаҳои гуногуни муошırати ғайризабонӣ муқаррар карда шуда, аз ҷиҳати сохторӣ, маъноӣ ва услубӣ мавриди таҳлил қарор мегирад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки он дар рушди минбаъдаи назарияи лингвистикаи коммунмкативӣ, омӯзиши қолабҳои жанрҳои одоби муҳоварат дар осори бадеӣ саҳм мегузорад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар таълими одоби муҳоварати тоҷик, ҳамчунин дар таълими забони тоҷикӣ барои донишҷӯёни хориҷӣкӯмак хоҳад кард.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна аз муқаддима, се боб, хулоса, замимаи мисолҳо, рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 173 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддима доир ба мубрамият ва зарурати таҳқиқи масъалаи мазкур, дараҷаи аз худ шудани мавзуи илмӣ, ҳадафу объекти таҳқиқот, мавзуъ ва масъалаҳои диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, эътимоднокии натиҷаҳои он, заминаҳои методологӣ ва назариявии он, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии пажуҳиш баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии диссертатсия мушаххас шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **“Асосҳои назариявии одоби муҳоварат”** ном дошта, дар ин боб масъалаи муошират ва намудҳои он, консепсияи хушмуомилагии лингвистӣ, ҷанбаҳои иҷтимоиву лингвистии одоби муҳоварат, масъалаҳои одоби муҳоварат дар таҳқиқоти лингвистӣ, хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии одоби муҳоварати тоҷикӣ ва семантикаи хушмуомилагӣ ва эҳтиром дар асарҳои Ф. Муҳаммадиев мавриди пажӯҳиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар ин қисмати диссертатсия муаллиф дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмию адабӣ ва фарҳангу луғатномаҳои боварибахш доир ба ҷанбаҳои ахлоқӣ ва талаботу меъёрҳои муошират маълумоти возеҳу равшан додааст. Пеш аз он ки намудҳои муошират аз ҷониби муаллиф муайян ва аз нигоҳи илмӣ тасниф карда шавад, муоширатро ҳамчун меъёри ягонаи муносибати инсонҳо чунин таъриф намудааст: “Муошират раванди мураккаб ва гунгунҷанбаи ба роҳ мондан ва густариш додани робитаи байни одамон ва гурӯҳҳо мебошад, ки дар натиҷаи ниёзҳои фаъолияти муштарак ба вуҷуд меояд” (Диссертатсия, с. 15).

Чи тавре ки дар боло ишора намудем, диссертант муоширатро аз рӯйи меъёрҳои ахлоқӣ ба гурӯҳҳои алоҳида дастабандӣ намуда, дар хусуси ҷиҳатҳои фарққунанда, бартарӣ ва доираи истеъмоли онҳо дар ҷомеа қайду ишораҳои судбахш кардааст.

Барои дар асоси заминаҳои муътамади илмӣ аз назари илми забоншиносӣ баррасӣ намудани одоби муҳоварат ва рукни асосии он – хушмуомилагӣ ба таҳқиқоти олимони хориҷию ватанӣ, ба мисли П. Браун, С. Левинсон, Э. Гофман, Дж. Лич, Е. А. Земская, Н. И. Фармановская, Бобоҷонова Б. Ш., Ҷӯраева М. Р. такя намудааст.

Гузашта аз ин, диссертант ба асарҳои адибони забардасти форсу тоҷик – “Футувватномаи султонӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус, “Дастур-ул-мулук”-и Хоҷасамандари Тирмизӣ, “Нафоис-ул-фунун фи арois-ул-уюн”-и Шамсиддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ, “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ, ки дар самти ахлоқи ҳасана, одоби гуфтор, маърифати баланди инсонӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамчун асарҳои заминавии ахлоқӣ барои тамоми сокинони сайёраи Замин хизмат карда истодаанд, такя намуда, фикри худро тақвият бахшидааст.

Семантикаи хушмуомилагӣ ва эҳтиром дар осори Ф. Муҳаммадиев дар ин қисмати кор таҳлилу баррасӣ шудааст. Муаллифи рисола воситаҳои ифодаи хушмуомилагиро дар асоси модели хушмуомилагӣ дар асоси осори Ф. Муҳаммадиев дар ҷанбаҳои зерин: дар сатҳи луғавӣ, дар сатҳи сарфӣ, дар сатҳи наҳвӣ муқаррар карда, аз осори нависанда мисолҳои зиёдро оварда таҳлилу баррасӣ намудааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **“Воҳидҳои муроҷиат дар системаи одоби муҳоварат”** ба масъалаи пайдоиш ва корбасти шаклҳои муошират дар забони тоҷикӣ, вижагиҳои истифодаи мухотаб дар осори

Ф. Муҳаммадиев ва қонуниятҳои истифодаи ҷонишинҳои шахсӣ бахшида шудааст.

Дар ин бахши кор диссертант дар хусуси воҳидҳои муроҷиат ва мавқеи онҳо дар одоби муҳоварат маълумот дода, ҷойгоҳи ин воҳидҳоро дар забон бо таҳлилу баррасии китобу дастурҳои муътамади ба наҳв бахшидашуда нишон додааст. Як нуктаи муҳимму ҷолиби диққатро бояд зикр намуд, ки диссертант барои муҳиммияту ҷойгоҳи воҳидҳои муроҷиат – мухотабро дар пояи зарурӣ нишон додан сарчашмаҳои илмиро мавриди пажӯҳиш қарор дода, нуқтаи назари олимони соҳаро бобати масъалаи мазкур муқоиса намуда, хулосаи дақиқу судбахш баровардааст.

Маълум аст, ки ҳар як нависанда бо сабку услуби хоси худ аз дигар адибон фарқ мекунад. Ф. Муҳаммадиев низ дар замони зиндагӣ ва даврони эҷодаш бо як қатор ҷузъиёти фарққунандаи эҷодиёташ аз дигар нависандагон фарқ мекард. Ин хусусиятҳои фарқунандаро диссертант дар асnои омӯзишу таҳлили истифодабарии воҳидҳои муроҷиат – мухотаб аз ҷониби нависанда мушҳида кардааст. Солҳои 70-80-ум мухотаби “рафиқ” тарҷумаи калимаи русии “товарищ” тариқи калка ба забон ворид гардида, дор одоби муоширати дар ин солҳо ба таври густурда мавриди истифода қарор дошт, – қайд мекунад, диссертант (Диссер., с. 69). Азабски он замон Ф. Муҳаммадиев зиндагӣ ва эҷод мекард, барои руҳияи замонро тасвир намудан мухотаби “рафиқ”-ро дар осори адабиаш истифода кардааст. Муаллиф аз осори нависанда барои исботи фикраш мисолҳои зиёдро намуна овардааст. Мухотаби **азиз, муҳтарам, арҷманд, ошно, ҷӯра,** ки маъмулан дар муоширати ҳаррӯзаи мардум пайи истифода қарор доштанд, дар осори Ф. Муҳаммадиев низ ҳамчун воситаи одоби муҳоварат дар забони персонажҳои асарҳои бадеиаш фаровон истифода гардидааст. Мухотабҳои ифодакунандаи мафҳуми хешутаборӣ, мухотабҳое, ки дар ҷамъият, корхонаву муассисаҳо, байни зану шавҳар барои дипломатияи оиларо таъмин намудан истифода мегардад, аз ҷониби диссертант мӯйшикофона мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, мавқеи истифодабарии онҳоро дар миёни мардум ва осори адиб аз нуқтаи назари муқоисавӣ нишон додааст.

Қонуниятҳои истифодаи ҷонишинҳои шахсӣ дар забон ва вижагиҳои истеъмоли ҷонишинҳои мазкур дар осори Ф. Муҳаммадиев дар диссертатсия мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Диссертант ҳангоми таҳлилу баррасии масъалаи мазкур мавриди корбасти ҷонишинҳои шахсии **ту, шумо,** калимаҷонишинҳои **банда, фақир**, **камина**, **эшон** ва таркибҳои ҷонишинии **ин кас, он кас** дар забони осори классикӣ, забони адабии ҳозираи тоҷик, дар лаҳҷаи мардум (қисмати ҷанубу шимоли Тоҷикистон) ва мавқеи корбурди онҳоро дар осори Ф. Муҳаммадиев ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Боби сеюми диссертатсия **“Хусусиятҳои услубии гурӯҳҳои асноӣ-мавзуии одоби муҳоварат”** ном дошта, дар ин қисмати кор меъёрҳои гурӯҳбандии воҳидҳои одоби муҳоварат, одоби муҳоварат ва мавқеи иҷтимоиву шарикони коммуникативӣ, воҳидҳои ифодакунандаи пазироӣ ва шиносоӣ, воҳидҳои ифодакунандаи хайрухуш, воҳидҳои ифодакунандаи хоҳишу дархост, воҳидҳои ифодакунандаи миннатдорӣ, воҳидҳои ифодакунандаи узрхоҳӣ, воҳидҳои ифодакунандаи тавсиф ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Як вижагии боби мазкур дар он зоҳир мегардад, ки диссертант воҳидҳои одоби муҳоваратро аз рӯйи назарияи забоншиносии ватаниву хориҷӣ, махсусан забонишонсони рус тибқи меъёрҳои нишондодаи онҳо аз рӯйи мавқеи иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои муайян дастабандӣ намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳар як воҳиди одоби муҳоварат вобаста ба хусусиятҳои забонӣ ва услубиаш аз нигоҳи вижагиҳои маъноӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Маҳз ана ҳамин хусусиятро диссертант ба назар гирифта, чунон ки дар боло бо як тартибу низоми муайян зикр шудааст, воҳидҳои одоби муҳоваратро вобаста ба аснои суҳбат ба гурӯҳҳои муайян ҷудо намуда, мавқеи корбурд, вижагиҳои забониву услубӣ, дараҷаи истифода ва нигоҳу маҳорати адибро дар бобати корбасти воҳидҳои одоби муҳоварат бо таҳлилу баррасии мисолҳои мушаххас бо тамоми назокату нафосаташ нишон додааст.

Диссертатсияи мавриди назар дар баробари муваффақиятҳои арзишманд аз камбудиҳо орӣ нест ва зикри чанде аз онҳоро ба хотири пешрафти корҳои минбаъдаи диссертант лозим мешуморем:

1. Агар диссертант ҳангоми омода кардани рисола монографияи Худоёров Х. Ё.-ро таҳти унвони “Ассоциативное поле вежливости в таджикском и русском языковом сознании”, ки бевосита ба мавзуи одоби муоширам бахшида шудааст, истифода мекард, хуб буд.

2. Агар бобҳои диссертатсия дар алоҳидагӣ хулоса карда мешуданд, ба манфиати кор буд.

3. Дар диссертатсия баъзан қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 268 тасдиқ шудааст, риоя карда нашудааст. Масалан, дар саҳифаҳои 4, 10, 17, 12, 18, 19, 24, 25.

Бояд махсус қайд намуд, ки камбудиҳои ҷойдошта ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсия ва таҳқиқоти анҷомдодаи диссертантро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он аз уҳдаи иҷрои мақсаду вазифаҳои дар кори таҳқиқотии худ гузоштааш сарбаландона баромадааст.

Диссертатсия аз нигоҳи сохтор, муҳтаво, забон ва равиши таҳқиқ мукаммал мебошад. Сохтор ва муҳтавои автореферат бо диссертатсия мувофиқати комил дошта, он ва мақолаҳои банашррасонидаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар мавзуи “Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)” ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01– Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи
забони тоҷикии Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Амлоев Аминҷон Ятимович

Нишонӣ: 734041, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Ҳисорӣ, бинои 28/1, хонаи 21
Тел.: (+992) 917-58-77-78
E-mail: amloev@mail. ru
«20» 08 соли 2024

Имзои Амлоев Аминҷон
Ятимовичро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Раҳимов Абдуҳамит Абдибосирович

Нишонии муассиса: 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи
М. Турсунзода 30
Тел.: (+992 37) 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru
«20» 08 соли 2024